Ҳикматов Сафаралӣ

# МОЛИЯИ СОҲИБКОРӢ

Воситаи таълимӣ



ДУШАНБЕ – 2022

**УДК:336.12(575.3)(375.8)**
**ББК:65.9(2)26(2Т)**
**Ҳ – 44**

Муаллиф:

**Ҳикматов Сафаралӣ** – н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Муқарризон:

**Султонов Зубайдулло** – д.и.и., профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон.

**Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ** – д.и.и., профессор, мудири кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Хоҷаев Парвиз Давроновия** – д.и.и., профессори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

Воситаи таълимӣ мувофиқи талаботи стандарти давлатии маълумоти олии касбӣ, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, таҳия гардидааст.

Дар воситаи таълимӣ масъалаҳои гуногуни молияи соҳибкорӣ дар мавзуъҳои алоҳида оварда шудаанд. Ҳамзамон, барои дарки пурраи мавзуъҳо намунаи баъзе аз ҳуҷҷатҳои муайяннамудаи Вазоратҳои молия ва рушди иқтисод ва савдо, Кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва андоз пешкаш гардидааст.

Воситаи таълимӣ барои донишҷӯён ва магистрантон, омӯзгорон, кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, бонкдорӣ, соҳибкорон ва доираи васеи хонандагон тавсия карда мешавад.

**Бо қарори Шӯрои илмию методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 25.05.2021, суратмаҷлиси №09 ба чоп тавсия шудааст.**

**ISBN: 978-99985-58-52-6**

©Ҳикматов С. 2022

**Мундарича**

**Сарсухан..................................................................................6**

**Мавзуи 1. Маълумоти умумӣ дар бораи соҳибкорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ..........................................................................8**

1.1. Моҳияти соҳибкорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва нақши он дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар..........................................8

1.2. Соҳибкорӣ ҳамчун ҳолат ва ҷараён...................................13

1.3. Вазифаҳои соҳибкорӣ..........................................................15

1.4. Гурӯҳбандии соҳибкорӣ.......................................................17

**Мавзуи 2. Фазои соҳибкорӣ ва намудҳои он..............................21**

2.1. Моҳияти фазои соҳибкорӣ....................................................21

2.2. Озодии иқтисодӣ – унсури муҳими фазои соҳибкорӣ..........22

2.3. Фазои дохилӣ ва берунаи соҳибкорӣ....................................25

2.4. Бозор - фазои фаъолияткунии соҳибкорон...........................29

**Мавзуи 3. Таъминоти молиявии фаъолияти ҷории субъектҳои соҳибкорӣ.......................................................................................33**

3.1.Маълумоти умумӣ доир ба таъминоти молиявии субъектҳои соҳибкорӣ. Эмисияи (интишори) коғазҳои қиматнок.....................33

3.2.Ҷалби қарзи бонкӣ ва намудҳои он..........................................36

3.3.Қарзи тиҷоратии ташкилотҳо. Қарзи инвеститсионии андозӣ......................................................................................................38

3.4.Факторинг – шакли молиякунонии ташкилотҳои соҳибкорӣ. Амалиётҳои лизингӣ.......................................................................41

3.5.Молиякунонии ташкилотҳо бо роҳи додани қарзи буҷетӣ.......................................................................................................44

**Мавзуи 4. Муайян кардани талаботи ташкилотҳои соҳибкорӣ ба сармояи ибтидоӣ...............................................................................48**

4.1.Сармояи асосӣ: моҳият, истеҳлок ва нақши он дар навнамоии сармояи асосӣ..................................................................................48

4.2.Инвеститсияҳои мустақим ҳамчун воситаи такрористеҳсолии сармоявӣ...........................................................................................51

4.3.Таъмири фондҳои асосӣ ва сарчашмаҳои маблағгузории он, хариди дороиҳои ғайримоддӣ ва истеҳлоки онҳо..........................54

**Мавзуи 5. Молияи соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................................................................................60**

5.1.Моҳият ва мавқеи соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти ҷаҳон.................................................................................................60

5.2.Рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.....64
5.3.Дастгирӣ ва ҳимояи давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.....66
**Мавзуи 6. Сармояи гардон ва муайян кардани талаботи субъектҳои соҳибкорӣ ба он.....70**
6.1.Моҳияти иқтисодӣ ва гирдгардиши сармояи гардон.....70
6.2.Сохтори сармояи гардони субъектҳои соҳибкорӣ.....74
6.3.Муайян кардани талаботи субъектҳои соҳибкорӣ ба сармояи гардон.....77
6.4.Сарчашмаҳои ташкили сармояи гардон.....84
**Мавзуи 7. Таҳияи нақшаи молиявӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ.....88**
7.1.Моҳият, нақш ва вазифаҳои нақшаи молиявӣ дар субъектҳои соҳибкорӣ.....88
7.2.Принсипҳо ва усулҳои банақшагирии натиҷаҳои молиявӣ.....91
7.3.Буҷетикунонӣ, таснифот ва усулҳои таҳияи онҳо.....93
7.4.Ташаккули таҳияи буҷет дар субъектҳои соҳибкорӣ.....98
7.5.Банақшагирии молиявӣ қисми таркибии бизнеснақшаи субъектҳои соҳибкорӣ.....101
**Мавзуи 8. Даромад, хароҷот ва фоидаи ширкатҳои соҳибкорӣ.....106**
8.1.Даромад аз фурӯши мол (кор, хизмат) ва даромадҳои дигари ширкатҳои соҳибкорӣ.....106
8.2.Хароҷоти ширкатҳо, сохтор ва гурӯҳбандии онҳо.....110
8.3.Фоида ва даромаднокии ширкатҳои соҳибкорӣ.....114
8.4.Банақшагирӣ ваояндабинии фоида дар шароити иқтисоди бозорӣ.....117
8.5.Тартиби тақсим ва истифодабарии фоида дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ.....122
**Мавзуи 9. Низоми андозбандии субъектҳои соҳибкорӣ ва сарчашмаҳои пардохти онҳо.....126**
9.1.Маълумоти умумӣ дар бораи низоми андозбандии субъектҳои соҳибкорӣ ва нақши он дар такрористеҳсоли васеъ.....126
9.2.Низоми андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.....130

9.3.Гурӯҳбандии андозҳо аз рӯи аломати баҳисобгирии иқтисодӣ....................................................................................136
**Мавзуи 10. Ташкили ҳисоббаробарнамоиҳои пулӣ дар субъектҳои соҳибкорӣ ва намудҳои он.......................................................................139**
10.1.Нақш, намуд ва шаклҳои ҳисоббаробарнамоиҳо дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ.......................................................................139
10.2.Шаклҳои асосии ҳисоббаробарнамоии пулии ғайринақдӣ.......................................................................142
10.3.Назорати саривақтӣ ва пурра будани ҳисоббаробарнамоиҳо. Қоидаи асосии танзими амалиётҳои арзӣ.......................................148
**Мавзуи 11. Таваккали соҳибкорӣ.......................................................153**
11.1. Моҳият ва гурӯҳбандии таваккали соҳибкорӣ...................153
11.2.Идоракунии омилҳои ба сатҳи таваккал таъсиррасонанда.......................................................................157
11.3.Механизмҳои асосии бартараф кардани таваккали соҳибкорӣ.......................................................................159
**Мавзуи 12. Соҳибкори инфиродӣ ва нақши он дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар.......................................................164**
12.1. Манбаъҳои ташаккулёбӣ ва нақши соҳибкори инфиродӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар.........................................164
12.2. Тартиби бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон………………..166
12.3. Тартиби бақайдгирии давлатии қатъ гардонидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ………169
**Мавзуи 13. Асосҳои назариявию амалии муфлисшавии соҳибкор.......................................................................176**
13.1. Мазмуну моҳият, аломатҳо ва шаклҳои муфлисшавӣ........176
13.2. Асосҳои муфлисшавии соҳибкори инфиродӣ ……………178
13.3. Мушоҳида – расмияти ибтидоии муфлисшавии соҳибкор – шахси ҳуқуқӣ …………………………………………………………180
13.4. Идоракунии беруна – қисми таркибии расмияти муфлисшавии соҳибкор – шахси ҳуқуқӣ...................................185
13.5. Истеҳсолоти озмунӣ – марҳилаи интиҳоии муфлисшавии соҳибкор – шахси ҳуқуқӣ.......................................................193
13.6. Созишномаи мусолиҳа – раванди пешгирии муфлисшавии соҳибкор – шахси ҳуқуқӣ.......................................................199
**Рӯйхати адабиёт……………………………………………………203**

## Сарсухан

Дар баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, зарурати ислоҳоти иқтисодӣ ба миён омад, ки натиҷаи он дар ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ ва ғайра, ки бо ташаккули иқтисоди бозорӣ алоқаманд мебошад, зоҳир мегардад. Дар муносибатҳои нави иқтисодӣ фаъолияти соҳибкорӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд.

Бо гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ шаклҳои нави моликият ба вуҷуд омад, ки дар ин замина фаъолияти соҳибкорӣ роҳандозӣ мегардад. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ" барои рушди фаъолитяи соҳибкорӣ дар он солҳо замина гузошт.

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ, агар аз як тараф кули муносибатҳои иқтисодию молиявии субъектҳои соҳибкориро (корхонаву ширкатҳо) ҳамчун асоси ибтидоии иқтисодиёт ва тавлидгару қонеъгардонандаи талаботи ҷамъиятӣ ба миён оварда бошад, аз тарафи дигар зарурати аз нигоҳи нав таълим додани фанҳоро барои толибилмони риштаҳои молия ва иқтисод ба миён гузошт.

Тағйироти бавуҷудомада қонуни асосии иқтисодии ҷамъиятро роҷеъ ба соҳибкорӣ дигаргун сохта, онро ба қонуни ба даст овардани фоида табдил дод, ки ин асоси ташкили инноватсия ва аз нав таълимдиҳии молияи субъектҳои хоҷагидорӣ, махсусан молияи соҳибкорӣ ҳамчун фанни таълимӣ ба миён омад, ки он дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси замонавӣ нақши муҳим мебозад.

Омӯзиши мавзуъҳое, ки дар воситаи таълимии «Молияи соҳибкорӣ» оварда шудааст, на танҳо имконияти дарки мазмуни молияи соҳибкорӣ ва усулҳои идоракунии он, балки татбиқи механизми молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ (корхонаҳо, ширкатҳо ва дигар ташкилотҳои субъектҳои соҳибкорӣ) ва амалияи рушди самараноки фаъолияти онҳоро дар асоси баамалбарории ҳисобҳои молиявию иқтисодӣ ва асосноканамоии қарорҳо роҷеъ ба идора таъмин менамояд.

Вазифаҳои муҳимтарине, ки воситаи таълимии "Молияи соҳибкорӣ" фаро гирифтааст, аз инҳо иборатанд:

- такмили донишҳои назариявӣ оид ба молияи соҳибкорӣ, механизми ташкили он, банақшагирӣ, ҳавасмандгардонӣ, маблағгузорӣ, идораи молияи соҳибкорӣ, мақсади фаъолияти соҳибкорӣ, таъмини рушди фаъолияти молиявии ширкатҳо, таҷрибаи роҷеъ ба истифодабарии самаранокӣ, дороиҳои дар ихтиёри соҳибкорӣ қарордошта;
- омӯзиши усулҳои муайянкунии меъёри сармояи гардони истифодашавнда, усули ҳисоби истеҳлок, муайянкунии нуқтаи безарари ҳаҷми истеҳсол, таҳлили ҳолати молиявии субъектҳои соҳибкорӣ, инчунин муайян кардани пардохтпазирӣ, қобилияти баргардонидани қарзҳо ва қобилияти ҳисоббаробаркунии онҳо;
- такмили донишҳои амалӣ дар бораи банақшагирию буҷетикунонӣ, хусусияти молияи соҳибкорӣ, корхонаҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва молияи соҳибкории хурду миёна.

Муҳимияти азхуднамоии фанни мазкур барои толибилмон аз он иборат аст, ки мавзуъҳои дар он баррасигардида пурра ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва муносибатҳои иқтисоди бозорӣ мувофиқат намуда, муаммоҳои рақобатпазир будани мутахассисони ҷавонро дар шароити барзиёднуфузии аҳолии қобили меҳнат барои кишвар ҳал менамояд.

Дар воситаи таълимӣ самтҳои асосии молияи соҳибкорӣ дар мавзуъҳои алохида оварда шудаанд. Таҳияи воситаи таълимии "Молияи соҳибкорӣ" бо забони давлатӣ бори аввал сурат мегирад.

Дар воситаи таълимии мазкур аз китобҳои дарсии бо дигар забонҳо интишоршуда, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба фаъолияти соҳибкорӣ ва молияи корхонаҳо, Кодексҳои андоз ва гумруки ҷумҳурӣ ва дастурамалҳои соҳа истифода шудааст.

